## ТАҚРИЗ

***ба автореферати диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)***

Яке аз ҳадафҳои соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи саривақтии барномаҳои давлатии соҳавӣ ва мусоидат намудан ба болоравии сифати таҳсилот, аз ҷумла, роҳандозии корҳои илмию таҳқиқотӣ ба шумор мешавад. Таваҷҷуҳи роҳбарияи олии кишвар, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ, алалхусус ҳамчун воситаи муошират аз худ кардани забонҳои русӣ, англисӣ ва дигар забонҳо хеле калон мебошад. Барои татқиқи “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” аз омӯзгору муҳаққиқон, аз ҷумла ҷавонон масъулияти калон талаб карда мешавад.

Масъалаи дигаре, ки тайи чанд соли охир зери таваҷҷуҳри Ҳукумати мамлакат, соҳаҳаои маориф, илм ва фарҳанг қарор дорад, ҷалби қишрҳои гуногуни ҷомеа ба китобхонӣ мебошад. Бо ҳамин мақсад, бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон озмуни “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст” ташкил карда шуд. Ҳамасола ин озмун нуфузу эътибори бештар пайдо карда, ба пешрафти соҳаи маориф таъсири мусбат мерасонад.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» дар як вақт форогири ду масъалаи болозикр мебошад. Дар ҳақиқат масъалаи таҳқиқ саривақтӣ буда, метавонад барои татбиқи Барномаи давлатии зикршуда мусоидат намуда, роҳҳои нави ҷолби хонандагонро ба китобхонӣ пешниҳод созад. Чунин ҳолатҳое, ки пайгири ду ва зиёда масъалаҳо бошанд, хеле кам ба назар мерасанд, аммо он метавонад таъсиррасон бошад.

Давраи таҳқиқот се марҳиларо дар бар гирифта, он аз соли 2020 шурӯъ гардида, соли 2024 ба анҷом расидааст. Натиҷаи таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ рӯйи чоп омада, дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ҳангоми баромад намудан ба саҳми аҳли ҷомеа, маориф ва илм расонида шудааст. Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович арофи масъалаи таҳқиқот 15 мақолаи илмӣ таҳия ва рӯйи чоп овардааст, ки аз ин 3 адади он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Диссертатсия аз се боб ва ҳашт зербоб, хулосаи бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми он 202 саҳифаро ташкил медиҳад. Аппарати илмӣ риоя гардида, бобҳо ва зербобҳо пайи ҳам якдигарро мантиқан пурра месозанд.

Автореферати диссертатсияи илмӣ фарогири масъалаҳои таҳқиқ буда, муҳтавои диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамояд. Бо дарназардошти риояи талаботҳои мавҷуда, матни автореферат бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар ҳаҷми 77 саҳифа таълиф гардида, дар қисмати охири он аннотатсияи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод гардидааст.

Муқаддимаи кор тибқи талабоҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз мақсаду вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва дигар қисматҳои муайянгардида иборат мебошад.

Мақсади таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва дар озмоиш санҷидани методҳо ва роҳу усулҳои пешниҳодшуда барои беҳтар намудани хониши мустақилона маҳсуб ёфта, барои татбиқи он иҷрои вазифаҳои мушаххас пешниҳод гардидааст.

Ҳадафи асосии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хониши мустақилона ҳамчун яке аз воситаҳои муҳими ғанигардонии захираҳои луғавии хонандагон дар таълими забони англисӣ илман асоснок карда шавад. Дар ин замина корҳои озмоишӣ анҷом дода шуда, фарзияи пешниҳод гардида исбот карда шудааст.

Боби аввали кори илмӣ таҳти унвони «Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ» унвон гирифта, татбиқи масъалаҳои назариявии таҳқиқот дар бар мегирад. Шарҳи хониш ҳамчун як навъи фаъолият, нақши хониши мустақилона дар ҷараёни таълими забони англисӣ, заминаҳои назариявии ғанигардонии захираи луғавии хонандагон ва дигар масъалаҳо дар ин қисмати кор бу хубӣ дарк гардидааст.

Боби дуюми таҳқиқот «Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ» унвон гирифта, баррасии меъёру талаботҳо, методҳои интихоб асарҳо ва матнҳо барои хониш мустақилона ҳангоми таълими забони англисӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад. Илова бар ин, системаи машқҳо барои ғанигардонии захираи луғавӣ дар асоси хониши мустақилона аз забони англисӣ бо пешниҳоди мисолҳои мушаххас хеле хуб инъикос гардида, хотимабахши боби мазкур мебошад.

Дар боби сеюм, ки «Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он» номгузорӣ шудааст, аз ду зербоб иборат буда, натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаи онро инъикос менамояд. Маҳз дар ҳамин қисмати кор корҳои амалии анҷомёфтаи таҳқиқот таҳлилу муқоиса гардида, хулосаҳои мушаххас пешниҳод мегарданд. Унвонҷӯ дар авторефрати диссертатсия 5 ҷадвал ва 6 диаграмма оварда шуда, таҳлилу муқоисаи натиҷаҳоро нишон медиҳанд.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас, дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Мантитоҷикии автореферат аз хатогиҳои услубӣ ва техникӣ (саҳ.8, 15, 17) орӣ нест.

Баъзе калимаю ибораҳои кӯтоҳшударо (саҳ. 7, 11) дар номгӯи ихтисора ва аломатҳои шартӣ ёфтан номумкин аст.

Хатогиҳои техникӣ дар қисмати русии автореферат низ ба мушоҳида мерасад.

Камбудиҳои болозикрро метавон ислоҳпазир буда,арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намекунанд.

Хулоса, таҳқиқоти Ҳаитматов Ф.Х. `ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии ба итмомрасида маҳсуб ёфта,фарогири таҳлилу таҳқиқи амиқи илмӣ мебошад.

Автореферати диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ба талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ азрӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқарриз,**
доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи
забони англисӣ ҳамчун ихтисоси дуюми
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович

Суроға: 734060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Асадулло Ғуломов 27/71,
Тел.: +992 938 94 16 89
Суроғаи эл.: abdurahmon45@mail.ru

Имзои А.С. Умаровро тасдиқ мекунам,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода А.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

29. 08. 25

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ121,
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,
Тел.: +992 (37) 2241383
Сомона: https://tgpu.tj
Суроғаи эл.: info@tgpu.tj